# Протоколи № 28
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-010

аз «30» декабри соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 11 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, №27/шд тасдиқгардида 11 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Мухтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил бетараф? Нест.

Якдилона қабул гардид.

## <u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Давроншозода Файзулло Давроншо дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.4 – Химияи органикӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои химия Пулатов Э.Х. ва аъзоёни комиссия номзади илмҳои химия, дотсентон Зоидова М.Т. ва Акбарова М.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Давроншозода Файзулло Давроншо дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссерттасионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Давроншозода Файзулло Давроншо дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.4 – Химияи органикӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Давроншозода Файзулло Давроншо дар мавзуи Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.4 – Химияи органикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Бандаев Сироҷиддин Гадоевич** доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи органикӣ ва биологии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

– **Шарофзода Фаррух Сафолбек** - номзади илмҳои химия, ходими калони илмии Муассисаи илмию тадқиқотии «Маркази инноватсионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулотҳои табиӣ»-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Муассисаи илмию тадқиқотии «Маркази инноватсионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулотҳои табиӣ»-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 12.03.2026, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

– **Натиҷаи овоздиҳӣ**: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои химия Бекназарова Н.С.